# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Мулоева Нишона Сангмадовна дар мавзуи «Мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизион» (дар мисоли шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо», солҳои 2010-2022), ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ)**

Телевизион миёни дигар навъҳои ВАО аудиторияи бештарро соҳиб аст. Фарогирии фазои асосии иттилоотиро низ телевизион соҳиб буда, эътимоди аудитория ба он бештар аст. Бештар шудани шабакаҳои телевизионӣ сабаб ба бештар шудани рақобати эҷодӣ шуд ва дар ин замина имкони фаъолият барои мутахассисони ҷавон бештар гардид. Миёни дигар намудҳои ВАО дар Тоҷикистон телевизион яке аз соҳаҳое ба ҳисоб меравад, ки хеле кам омӯхта шудааст. Ба ин хотир ҳамагуна пажӯҳиш метавонад нақши боризе дар муаррифии ин соҳа гузорад. Таҳқиқи жанрҳои телевизион дар журналистикаи тоҷик кори нав нест, вале пажӯҳиши истифодаи гурӯҳҳои жанрҳои телевизионӣ дар замони истиқлолият, муайян намудани бурду бохти кормандони телевизион ва пешниҳоди талаботҳои жанрӣ ҷасорати муҳаққиқро нишон медиҳад. Вобаста ба ин ба риштаи пажӯҳиш кашидани яке аз жанрҳои асосии телевизион дар мавзуи «Мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизион» (дар мисоли шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо», солҳои 2010-2022) ба нафъи илм дар соҳаи журналистикаи тоҷик мебошад. Мавзуи пажӯҳишии мазкур аз зумраи мавзуъҳо ва масоили таҳқиқотиест, ки ба самти журналистика ва шиносномаи ихтисоси илмии 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) **мувофиқат менамояд.**

**Аҳаммияти мавзуи диссертатсияи** мазкур дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқи мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии шабакаҳои телевизионии Тоҷикистон то ҳол ба таври алоҳида сурат нагирифтааст. Дар рисолаи диссертатсионӣ бори нахуст фаъолияти кормандони

бахши иттилоотии ду шабакаи давлатӣ интихоб гардидааст. Интихоби жанр ва мавзуъ, таъҷилӣ расонидани хабарҳо аз рӯйдодҳои муҳими ватаниву хориҷӣ ба воситаи жанри репортаж ва ба таври васеъ истифодаи он навовариҳои эҷодӣ ва касбӣ аз масоиле ҳисоб мeёбанд, ки ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд. Дар диссертатсия кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки мавқеи жанри репортажро дар барномаҳои иттилоотии шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо» бо мисолҳои мушаххас нишон дода, барои ислоҳи норасоиҳои ҷойдошта тавсияҳо пешниҳод гарданд. Бинобарон интихоб ва ба таҳқиқ кашидани мавзуи мазкур мувофиқи мақсад ва **мубрам** ба ҳисоб меравад.

**Навгонии илмии диссертатсия** дар он аст, ки мавзуи мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизиони ватанӣ бори нахуст мавриди пажӯҳиш қарор гирифта, бурду бохти журналистони идораҳои барномаҳои иттилоотӣ аз нигоҳи илмӣ таҳлил карда шуда, усулҳои беҳтари истифодаи жанри репортаж илман пешниҳод карда шудааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он собит мешаванд, ки дар пажӯҳиши диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии журналистикаи ватанию хориҷӣ вобаста ба таърих, жанр ва имконияти телевизион истифода шудааст. Ҳамзамон аз дақиқияти маълумот, ба воситаи муқоиса, мавқеъ, умумият ва фарқияти жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо» муайян карда шуда, усули таърихии таҳқиқ, равишҳои таҳлили оморӣ ва компонентӣ истифода шуда, мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизиони ватанӣ муайян карда шудааст. Инчунин нақши ин жанр дар низоми иттилоърасонии фаъолияти журналистӣ тариқи барномаҳои иттилоотии телевизионӣ пажӯҳиш ёфта, усулҳои хубтари истифодаи он илман пешниҳод карда шудааст. **Хулоса ва тавсияҳо** дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи пажӯҳишӣ муайян шудааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ** аз он иборат, ки натиҷаи пажӯҳишро журналистони бахши иттилоотии шабакаҳои телевизионӣ метавонанд ҳини фаъолият истифода намоянд.Инчунин рисолаи диссертатсионии мазкур метавонад ҳамчун сарчашмаи илмӣ барои дигар муҳаққиқон истифода шавад. Мазмуну мундариҷаи асосии диссертатсия дар 8 мақолаи илмӣ ба табъ расидаанд, ки аз ин номгӯй 3 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. **Маводи интишоргардида** нуқтаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамояд.

Диссертатсияи Мулоева Нишона Сангмадовна аз муқаддима, ду боб, 6 зербоб, хулоса, пешниҳодот ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст. Дар ҳар кадоме аз қисматҳои рисолаи диссертатсионӣ шеваи хуби пажӯҳиш, эродҳои омӯзанда ва тавсияҳои саривақтӣ, инчунин саҳеҳ нишон додани сарчашмаҳои илмӣ ва натиҷагириҳои ҷолиб ба мушоҳида мерасанд.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия муҳимии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи пажӯҳиши он, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи пажӯҳиш, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои пажӯҳиш, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии пажӯҳиш, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои пажӯҳиш, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми диссертатсия бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд.

Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои мушаххас пайгирӣ шуда, **нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд**, ки воқеан, дар илми журналистикаи телевизион ва дар самти шинохту пажӯҳиши мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизионӣ аҳаммияти хосаи илмӣ доранд.

Боби аввали диссертатсия **«Репортаж дар низоми жанрҳои иттилоотӣ»** аз се фасл иборат буда, фасли якум «Вижагиҳои жанри репортаж», фасли дуюм «Репортаж ва ҳисобот (гузориш): умумият ва фарқ» ва фасли сеюм «Технологияи иноватсионӣ ва таҳаввулоти жанри репортаж» унвонгузорӣ гардидаанд. Дар он аз тарафи муаллифи диссертатсия ба таври илмӣ равшан намудани мафҳуми репортаж, моҳияти жанр ва истифодаи он дар телевизион, муҳимияти репортаж ва нақши он миёни жанрҳои хабарии телевизион, бо такя аз адабиётҳои илмии соҳавӣ таҳқиқ сурат гирифтааст. Диссертант баъди омӯзиши ҳаматарафаи мавзуи таҳқиқотӣ ба хулосаи дурусти илм омада, чунин мегӯяд: «Дар барномаҳои иттилоотии шабакаҳои телевизионии ватанӣ истифодаи жанри репортаж, ки яке аз жанрҳои асосии иттилоотии журналистикаи телевизион ба шумор меравад, ангуштшумор ба мушоҳида мерасад. Аксаран барномаҳои иттилоотӣ бе истифодаи жанри репортаж пешниҳоди бинандагон гардонида мешаванд, ки якранг, шаблонӣ ва қолиб нестанд». Бо пешниҳоди эродҳо диссертант аз сарчашмаҳои илмӣ истифода намуда, камбудиҳои журналистони телевизионро вобаста ба талаботи жанри репортаж шарҳ медиҳад. Вобаста ба вижагиҳои жанри репортаж диссертант бар он назар аст,ки «Истифодаи мафҳуми репортаж, ки калимаи оммафаҳми байналмилалӣ аст, ғалатфаҳмиро дар ҳамчун тарҷумаи репортаж истифода бурдани калимаи гузориш аз байн хоҳад бурд. Зеро мафҳуми гузориш имрӯз бештар ба маънои жанри ҳисобот истифода мегардад». Ҳамчунин диссертант мушкилоти кадриро дар шабакаҳои телевизионии ватанӣ мушоҳида намуда таъкид мекунад, ки «Таносуби корбурди жанри репортаж бо сабабҳои гуногун: бо технологияҳои мустақим пахшкунии муосири телевизионӣ таъмин набудан, аз хусусиятҳои хоси жанри репортаж бехабар будан ва аз ғайрикасбӣ будани баъзе журналистон

истифодаи жанри репортаж дар телевизионҳои ватанӣ ангуштшумор ба мушоҳида мерасад».

Боби дуюм **«Таносуби корбурди жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизионӣ»** ном дошта аз се фасл иборат аст. Фасли аввал «Хусусиятҳои барномаҳои иттилоотӣ ва жанри репортаж дар телевизиони «Тоҷикистон», фасли дуюм «Мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизиони «Ҷаҳоннамо»» ва фасли сеюм «Таҳлили таносуби истифодаи репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизионҳои «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо»» номгузорӣ шудаанд. Дар ин фаслҳо муаллифи диссертатсия ба хулосаи илмии дуруст омада, чунин мегӯяд: «Дар телевизионҳои «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо» жанри репортажро дар мавридҳои хос инъикоси мушкилот, таҷлили чорабиниҳои умумимиллӣ, ифтитоҳи иншоот ва комплексҳои сохтмони бузург ва монанди ин истифода менамоянду халос. Ҳол он ки репортажро бештар истифода бурда, сафи тамошобинони телевизионро зиёд намудан мумкин аст.

Дар ҷараёни таҳияи барномаҳои иттилоотӣ аз жанри репортаж кам истифода гардидааст. Бо ин сабаб мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии шабакаҳои телевизионии мавриди таҳқиқ ноустувор ба мушоҳида мерасад. Инчунин дар инъикоси махсусан хабарҳои хориҷӣ камбудиҳое ба назар мерасанд, ки онҳо аз омилҳои зерин вобастаанд: надоштани журналистони забондон дар хориҷа, омода набудани идораҳои иттилоотии телевизион ба усули муосири хабарнависӣ ва тиҷоратӣ шудани телевизион». Диссертант дар таҳқиқи худ намунаҳои хосаи репортажро мисол оварда бурду бохти онро муайян намудааст. Дар ин бахш такя намудани муҳаққиқ ба фаъолияти намояндагони шабакаҳо дар шаҳру вилоятҳо низ ҳусни корро дигар намудааст.

**Хулосаи диссертатсия** натиҷагириҳои диссертантро дар 7 банд дарбар гирифтааст. Дар диссертатсия баробари муваффақиятҳо баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳанд шуд:

1. Агар номи фасли дуюми боби якуми рисолаи диссертатсионӣ, ки «Репортаж ва ҳисобот (гузориш): умумият ва фарқ» унвон гирифтааст бо номи «Репортаж ва дигар жанрҳои иттилоотии телевизион» иваз мегардид хуб мешуд, зеро дар таҳқиқ ин масъала ҷой дорад.
2. Дар фасли дуюми боби дуюм вақте сухан бобати фаъолияти телевизиони «Ҷаҳоннамо» меравад, то андозае ба ҷойи сабки илмӣ сабки публитсистӣ ба кор бурда шудааст.
3. Дар диссертатсия такрори иқтибос ба назар мерасад, ки ислоҳи он ба манфиати кор хоҳад шуд.
4. Дар рисолаи диссертатсионӣ хатоҳои грамматикӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасанд, ки мебояд онро ислоҳ кард.

Камбудиҳои номбаршуда ислоҳпазир буда, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии рисолаи диссертатсиониро кам намекунанд. Диссертант вазифаҳои дар наздаш гузоштаро бомуваффақият ба иҷро расонидааст. Диссертатсия ва автореферати диссертатсия аз нигоҳи сохтор, ҳаҷм, мундариҷаву муҳтаво ва мазмун ҷавобгӯ ба талабот таҳия шудаанд. Мазмуну муҳтавои асосии диссертатсия дар 3 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи қайди Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

Диссертант баъди пажӯҳиши мавзуи интихобгардида ва омадан ба хулосаи асосноки илмӣ нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи худро дар 7 банд баён намудааст. Инчунин дар натиҷаи таҳқиқи илмӣ бо асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳои илмӣ ба муаллифи диссетатсия муяссар гардидааст, ки дар 7 банд тавсияҳои худро бобати истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод намояд.

Диссертатсияи Мулоева Нишона Сангмадовна кори илмӣ-таҳқиқии анҷомёфта ба ҳисоб меравад. Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои ба чоп расонидаи ӯ муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, аз лаёқати хуби илмии диссертант гувоҳӣ медиҳанд.

Хулоса, диссертатсияи Мулоева Нишона Сангмадовна дар мавзуи «Мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизион» (дар мисоли шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо», солҳои 2010 - 2022) ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои филологӣ, муҳаррири варзидаи идораи барномаҳои фарҳангӣ-фароғатии Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина» **Азизов Фирӯз Шарифович**
16 майи соли 2024.

**Суроға:**
734032, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Беҳзод 25
Тел: (+992) 93 805 50 08
E-mail: f.azizi@bk.ru

Имзои Ф.Ш. Азизовро «тасдиқ мекунам»
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва коргузории Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина»** **Ширинова Умеда Назаровна**
17 майи соли 2024

**Суроға:**
734032, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Беҳзод 25
Тел.: (+992 37) 227-18-77
Сомонаи расмӣ: www. safina.ru